ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Нурализода Ноилшоҳ Имомалӣ дар мавзуи «Нашрияи «Омӯзгор» дар низоми матбуоти соҳавии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Нурализода Ноилшоҳ Имомалӣ ба таҳлилу пажуҳиши таърихи пайдоиш, ҷанбаҳои назарӣ, тадричан рушду такомул ёфтани мазмуну муҳтаво ва дигар вижагиҳои нашрияи «Омӯзгор» бахшида шудааст. Аҳамияти пажуҳиши мазкур, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал заминаҳои табъу нашр, вижагиҳои сохторӣ, мавзуӣ ва жанрии нашрияи «Омӯзгор» дар шакли диссертатсия таҳқиқ гардидааст. Дар баробари ин, пажуҳиши мавзуи мазкур на танҳо ба таърихи матбуоти даврии тоҷик ғановати илмӣ зам мекунад, балки сабақҳои нашрияи мавриди назарро барои журналистикаи муосир бармало месозад.

Навгониҳои илмии таҳқиқ дар он ифода мегардад, ки заминаҳои таърихӣ, раванди ташаккулу инкишофи «Омӯзгор» ҳамчун нашрияи соҳавӣ, вижагиҳои жанрҳои публитсистӣ ва корбасти онҳо дар инъикоси масъалаҳои маориф мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, истифодаи жанрҳои публитсистӣ таҳлилу баррасӣ гардида, унсурҳои асосии жанрофар ва воситаҳои ҷолибсози матнҳои публитсистиву бадеӣ нишон дода шуда, вазъи нашрия дар шароити рушди ВАО мушаххас гардидааст.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқ донишҳои назариявиро доир ба шинохт ва арзёбии рисолати рӯзноманигорӣ, вижагиҳои таърихӣ, хусусиятҳои шакливу мундаричавӣ, ташаккули жанрҳои публитсистӣ ва усулҳои рӯзномасозӣ пурра менамояд.

Натиҷаҳои таҳқикро дар таълифи рисолаву китобҳои дарсӣ, таҳияи васоити таълимӣ ва машғулиятҳои амалии журналистика метавон истифода кард. Хулосаҳои муаллиф ва нуктаҳои асосии рисола дар раванди тадриси фанҳои таърих ва назарияи рӯзноманигорӣ, фанҳои интихобӣ, аз ҷумла, матбуоти соҳавӣ аз аҳамият холӣ набуда, илова бар ин, ба рӯзноманигорон ва муҳаққиқони соҳа барои дарёфту корбасти маводи илмиву таълимӣ ёрӣ мерасонад.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шудааст ва дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуну муҳтавои таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 5 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Нурализода Ноилшоҳ Имомалӣ истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳамияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Нурализода Ноилшоҳ Имомалӣ дар мавзуи «Нашрияи «Омӯзгор» дар низоми матбуоти соҳавии Тоҷикистон» кори таҳқиқии анҷомёфта ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Нурализода Ноилшоҳ Имомалӣ дар мавзуи «Нашрияи «Омӯзгор» дар низоми матбуоти соҳавии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз тариқи овоздиҳии ошкоро барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Муллоев Шариф Боқиевич – доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR-и Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон

- Раҳимҷон Хушдил – номзади илми филология, сармуҳаррири Муассисаи давлатии Маҷаллаи «Илм ва ҳаёт»

Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» пешниҳод мешавад.

3. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илми филология,
узви шурои диссертатсионӣ Муқимов М.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илми филология,
узви шурои диссертатсионӣ Абдуллозода М.

доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Саъдуллоев Ҷ.

«28» июни соли 2022.